# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ сарвати маънавии миллати тоҷик ба ҳисоб мераванд ва ҳифзу таҳқиқи онҳо яке аз муҳимтарин вазифаҳои илми забоншиносии тоҷик мебошад.

Оғози омӯзиши васеи луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба солҳои панҷоҳуми асри гузашта рост меояд ва то ба имрӯз вобаста ба таркиби луғавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Бо вуҷуди ин ҳама таҳқиқот лексикаи адади зиёди лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҳанӯз ба таври мукаммал омӯхта нашудааст ва лексикаи лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз ҷумлаи онҳост.

Бояд гуфт, ки ноҳияи Айнӣ аз минтақаҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ аст ва олами набототи он ниҳоят бой ва рангин мебошад, вале чи тавре ки диссертант Гулова Маъмура Нуровна дар муқаддимаи фишурдаи диссертатсия ишора мекунад, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла ҷангалбурии аз меъёр зиёди мардум, ба миқдори зиёд ва нодуруст ҷамъоварӣ намудани рустаниҳои доругиву ғизоӣ, алафдаравии пеш аз муҳлат, нодуруст чаронидани чорво ва ғайра майдони сабзиши баъзе рустаниҳо кам гардидаанд ва қисме аз рустаниҳо ҳатто, ба дараҷаи нестӣ расидаанд. Ин аст, ки ба таҳқиқи воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи рустаниҳо рӯй овардани Гулова Маъмура Нуровна ва таҳти унвони “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” омода намудани рисолаи илмӣ амри зарурӣ ва шоистаи дастгирӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти фишурда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва як замима иборат аст. Дар замима муаллиф фарҳанги мухтасари калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо ва мафҳумҳои ба онҳо алоқамандро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти хосса мебошад.

Дар муқаддима аз масъалаҳое, чун мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии

таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ сухан меравад.

Муаллиф дар заминаи маводи фаровон ҷанбаҳои муҳим ва пурарзиши мавзуи диссертатсияро дар се боб ва шонздаҳ фасл мавриди баррасӣ қарор додааст.

Таснифу таҷзияи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз муҳимтарин дастовардҳои шахсии муаллиф ба ҳисоб меравaнд. Навгонии илмии диссертатсия ҳам дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар асоси маводи фаровон вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории луғати яке аз гӯйишҳои ҳанӯз ба таври мукаммал таҳқиқнагардидаи забони тоҷикӣ – лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар заминаи калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо ба таври муфассал таъйину ташхис карда шудаанд.

Диссертант натиҷаҳои кори таҳқиқотиро дар хулосаи рисола ба таври мушаххас ҷамъбаст намудааст. Лозим ба зикр аст, ки натиҷагириҳои муаллиф илмӣ ва мантиқӣ буда, аз сатҳи огоҳии ӯ ба мавзуи таҳқиқ ва тафаккури илмиву таҳлилии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Муайян ва мушаххас намудани вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз муҳимтарин дастовардҳои шахсии муаллиф дар таълифи диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Муайян гардид, ки диссертант Гулова Маъмура Нуровна вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ дар маҷаллаҳои илмиии тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия тасдиқ намудаанд, 5 мақола ба чоп расонидааст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Матни тоҷикии фишурдаи рисола бо тарҷумаи русии он комилан мувофиқат менамояд.

Дар фишурдаи диссертатсия дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:

1. Ба андешаи мо, агар диссертант дар кор аз овонависии байналмилалие, ки ба алифбои лотинӣ асос ёфтааст, истифода мекард, аҳаммияти кор боз ҳам афзунтар мегардид.

2. Дар матни фишурдаи диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобӣ, техникӣ мавҷуданд (бахусус дар матни русии он дар саҳ. 19-имлоӣ, саҳ.

28-техникӣ, яъне ҳангоми навиштани ихтисораҳо рақами тартибӣ хато гузошта шудааст), киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиву нуқсонҳои номбаршуда ба муҳтавои диссертатсия таъсиргузор нестанд, рафъи онҳо бар манфиати кор хоҳад буд.

Хулоса, фишурдаи диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" нишон медиҳад, ки кори илмӣ-таҳқиқии анҷомдодашуда арзиши баланди илмиро соҳиб гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ арзанда мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
**доктори илми филология, мудири**
**кафедраи забони тоҷикии МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"** **Низомова С. Ф.**

Имзои С. Ф. Низомоваро тасдиқ мекунам:
**Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"** **Сафаров Б. И.**

**Суроға:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Сино 29-31
**Тел**:(+992) 935154029; (+992) 446003977
**E-mail:**sanobarnizomova66@gmail.com
**Web-sait:** www. tajmedun.tj

**"13" декабри соли 2023**